**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна “Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод гардидааст.**

Ашур Сафар яке аз маъруфтарин шоирони нимаи дувуми асри гузашта маҳсуб гашта, тавассути ашъори гуногунжанри худ дар адабиёти даврони мазкури тоҷик мақоми хоссаву сазоворро пайдо намудааст. Муҳити адабии Кӯлоб ва, умуман, Хатлонро бе Ашур Сафар тасаввур кардан нашояд, зеро маҳз эҷодиёти ин суханвар маншаи илҳоми шоирони минтақаи мазкур гашта ва аксаре аз адибони ин сарзамин дар пешаи шоирӣ хешро пайрав ва шогирди Ашур Сафар меҳисобанд.

Ашур Сафар агарчи дар аксари жанрҳои шеъри суннатӣ ва, ҳамчунин, шакли нави шеър қалами буррову табъи равон дошт, аммо дар эҷодиёти ӯ ғазал ба ҳайси жанри классикӣ қиёсан мавқеи басо намоёну арҷманд дорад. Аммо, бо ин ки жанри ғазал ҳам аз нигоҳи теъдод ва ҳам аз ҳайси гуногунмавзуӣ бар кулли дигар анвои шеърӣ дар эҷодиёти Ашур Сафар риҷҳону бартарӣ дорад, бо таассуфи зиёд, ғазалиёти шоир то ҳанӯз дар адабиётшиносии на даврони шуравӣ ва на муосири тоҷик аз ҷониби ягон муҳаққиқе мавриди таҳқиқу тадқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Ашур Сафар яке аз мумтозтарин ва ҳунармандтарин шоирони ғазалсарои муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Таҳқиқу пажӯҳиши жанри ғазали даврони шуравӣ ва даҳаи аввали замони истиқлоли тоҷик бе баррасии ғазалиёти Ашур Сафар, фикр мекунам, халоеро дар ғазалшиносии 50-60 соли охир ба вуҷуд меоварад. Дар нигоҳ барин, метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна, ки зери унвони “Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар” анҷом додааст, яке аз беҳтарин

таҳқиқот марбут бар эҷодиёти ин шоири гаронмоя ва умуман, марбут бар жанри ғазали муосири тоҷик ба шумор меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, сездаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 185 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллиф кӯшиш намудааст, ки оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқи худ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ сухан ронда, зарурати таҳқиқи мавзуи интихобкарда ва то чи дараҷа наву актуалӣ будани онро баррасӣ намудааст.

Боби 1-уми диссертатсия **“Ғазал ва мавқеи он дар эҷодиёти Ашур Сафар”** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Муаллиф дар он дар хусуси нашри ғазалҳои Ашур Сафар дар матбуоти даврӣ, мавқеи жанри ғазал дар маҷмуаҳои ашъори шоир, устухонбандӣ ва бандубасти мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар таҳқиқот бурдааст.

Ашур Сафар, дар ҳақиқат, ҳам тавассути матбуоти даврӣ ва ҳам ба василаи чопи маҷмуаҳои зиёди шеърияш фаъолияти эҷодӣ намуда, суханварии ӯбо ду роҳ зери таваҷҷуҳи хонандагон ва иштиёқмандони каломи мавзун қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия ин ҷиҳати фаъолияти шоирии Ашур Сафарро хуб дарк карда тавонистааст, ки боби нахустини кори хешро маҳз ба таҳқиқи ҳамин мавзуъ ихтисос додааст.

Боби 2-юм – **“Хусусиятҳои ғоявию мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар”** унвон дошта, муаллиф дар панҷ фасли алоҳида ба таҳқиқи мавзуоти асосии ғазалиёти шоир, амсоли мавзуи Ватан ва сулҳу ваҳдат, ишқу муҳаббат, бузургдошти зан-модар, мавқеи панду ҳикмат дар ғазалиёти Ашур Сафар ва мавзуи ҳаҷв дар ғазалиёти Ашур Сафар саъй намудааст. Бояд қайд кард, ки муаллиф дар баррасиву тадқиқи мавзуоти фавқу зикри ғазалиёти Ашур Сафар, дар ҳақиқат, муваффақ

гардидааст, чун зимни баррасӣ аввал ин ки ҳар яке аз онҳоро бо мисолҳои зиёди шоҳид аз ашъори шоир мустаҳкам намудааст, дувум, дар бознамойии ҳар мавзуъ асоситарин хусусиятҳои онҳоро парда аз рух кушодааст.

Дар боби 3-юми диссертатсия – “**Хусусиятҳои поэтикӣ ва сабкии ғазалиёти Ашур Сафар**” муаллиф дар 2 фасл роҷеъ ба асоситарин вижагиҳои марбут бар поэтика ва сабки жанри ғазал дар эҷодиёти шоир таҳқиқот бурдааст. Дар фасли якум авзони ғазалиёти Ашур Сафар ва мавқеи қофияву радиф дар ғазалҳои шоир бо мисолҳои зиёди шоҳид мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Он чи муаллиф дар мавриди вазн ва анвои гуногуни баҳрҳо дар иртибот бо ғазалиёти шоир таҳқиқ карда, шоистаи таҳсин аст, чаро ки ин қисмати боби мазкур басо ҷиддӣ ва муҳаққиқона буда, аз дониши баланди муаллифи он шаҳодат медиҳад. Дар қисмати марбут бар сабки ғазалиёти шоир низ муаллиф тавониста умдатарин ва асоситарин хусусиёти ғазалиёти Ашур Сафарро бозкушоӣ намояд.

Дар боби 4-уми диссертатсия – “**Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ашур Сафар**”, ки аз се фасл иборат аст, муаллиф роҷеъ ба мавқеи тамсил, талмеҳ, ташбеҳ, истиора, муболиға, ташхис ва тафзил таҳқиқот бурдааст. Муаллиф санъатҳои тамсил ва талмеҳро дар тасвири мазомини шеърии Ашур Сафар дар фаслҳои алоҳида баррасӣ карда, нақши ин ду воситаи бадеиро дар ғазалиёти шоир махсус донистааст. Дар ҳақиқат, он мисолҳои шоҳиде, ки муаллиф дар диссертатсия дар иртибот бо ин ду санъат оварда, нишон медиҳанд, ки ҷойгоҳи тамсил ва талмеҳ миёни дигар воситаҳои тасвир хоссаанд.

Хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 банди алоҳида ба таври муҷаз натиҷагирӣ шудааст, ки ҳама қобили қабул мебошанд. Тавсияҳои муаллиф ҳам оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 6 банд баррасӣ гаштаанд.

Автореферати диссертатсия низ бо меъёрҳои навишти фишурдаи таҳқиқоти илмӣ пурра мувофиқат менамояд. Мақолаҳое ҳам, ки дар автореферат оварда шудаанд, бо мазмуну мундарича ва муҳтавои диссертатсия комилан мутобиқат менамоянд.

Аммо, дар баробари муваффақиятҳо, дар кор баъзе камбудҳо низ мавҷуданд, киислоҳи минбаъдаи онҳо ҳусни онро бештар менамоянд. Чунончи:

1. Агар дар оғози боби 1-уми диссертатсия роҷеъ ба рӯзгор ва вижагиҳои зиндагонии Ашур Сафар фасле ҷудо мешуд, хубтар мешуд. Муаллифи диссертатсия оид ба мероси адабии шоир зимни баррасии чопи ашъори шоир дар матбуоти даврӣ ва маҷмуаҳои алоҳида дар фаслҳои якуму дуюми боби аввал суханрондааст, аммо оид ба ҳаёти адиб суханро дареғ доштааст.

2. Муаллиф дар тамоми бобҳову фаслҳо нуқтаи назари хешро танҳо ба ғазалиёти Ашур Сафар мутамарказ гардонидааст. Ин, албатта, хуб аст, зеро мавзуи таҳқиқоти вай бо жанри ғазал дар ашъори Ашур Сафар робитаи ногусастанӣ дорад. Ба андешаи мо, агар дар фасли 2-юми боби 1-ум, қабл аз вуруд ба мавзуи ғазалиёти шоир, муаллиф зерфаслеро ба дигар жанрҳои ашъори шоир, аз ҷумла ашъори дар шакли нав суруда шудаи вай ихтисос медод, хубтар мешуд. Зеро дар эҷодиёти Ашур Сафар шакли ғайрисуннатии шеър низ аз мавқеи хосса бархӯрдор мебошад.

3. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва навиштаҷоти духӯраи вожаҳо вомехӯранд. Масалан, дар худи исми шоир, яъне вожаи“Ашур” низ ин духӯрагӣ мушоҳида мешавад. Агар муаллиф бо дарназардошти имлои забони тоҷикӣ исми шоирро якхел менавишт, беҳтар буд.

Аммо, бояд қайд кард, ки эродҳои боло дар умум бар камолу пуррагии кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд, чун муаллиф метавонад бо майлу хоҳиши худ онҳоро дар корҳои минбаъдааш ба назар бигирад. Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ,

русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Диссертатсияи **Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна “Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар”** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

д.и.ф., дотсенти кафедраи
адабиёти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ашурова Н.

Имзои д.и.ф., Ашурова Н.- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

Суроға:735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Ҷои кор: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (992) 918 13 38 49
E-mail: shokhnoma@mail.ru

«_17_»_08_ 2023.